Нуру сафои олам бо меҳри модарон аст,
Дунёи модарона дунёи бекарон аст.

Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# Садои мардум

| Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №28 (2855) | ПАНҶШАНБЕ, 8 МАРТИ СОЛИ 2012 | Соли бисту дуюми нашр | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад |
|---|---|---|---|---|






# Модар азизтарин вуҷуди рӯйи замин мебошад

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи модар**

*6 марти соли 2012*

**Модарону хоҳарони азиз!**

*Мулоқоти имрӯзаи мо бо шумо – намояндагони арҷманди занону модарони мамлакат дар айёме баргузор мегардад, ки ба кишварамон фасли баҳор бо қадамҳои сабзи Наврӯзи фаррухпай фаро мерасад. Шумо хуб медонед, ки Наврӯз рамзи эҳёи табиат, сарчашмаи хуррамӣ, покизагиву зебоӣ ва нишони ҷовидонаи зиндагӣ мебошад.*

*Аз ин рӯ, ҳамаи шумо – ҳозирини гиромӣ, кулли модарон ва занону духтарони иззатманди Тоҷикистонро ба муносибати Рӯзи модар ва айёми истиқболи Наврӯзи Аҷам самимона табрик гуфта, ба ҳар кадоматон, пеш аз ҳама саломативу хушбахтӣ, рӯзгори пурсаодат, хонадони ободу осуда ва тамоми хушиҳои зиндагиро орзу менамоям.*

*Модар азизтарин вуҷуди рӯйи замин мебошад ва зиндагӣ аз нафаси гарму дилнавози ӯ огоз мегирад. Зан – модар сарчашмаи меҳру вафо, олиҳаи зебоӣ, рамзи ишқи ҷовидонӣ, нахустин мураббӣ ва муаллими фарзанд мебошад. Зеро тору пуди модарон аз риштаи меҳру садоқат бофта шудааст.*

*Худованд ба зан-модар қудрате ато намудааст, ки офарандаи зиндагӣ ва чароғи ҳар хонадон бошад.*

*Пайғамбари ислом биҳиштро зери қадамҳои модарон гузошта, меҳри саршор ва муҳаббати гарми модарро бо файзу раҳмати Худованд баробар донистааст.*

*Аз ин лиҳоз, мо вуҷуди муқаддаси модарро аз аввалин лаҳзаҳои ҳаёт то дами вопасин фаромӯш намекунем ва ӯ ҳангоми шодиву нишот ва ғаму андӯҳи зиндагӣ ҳамеша ҳамроҳи мост. Тарбияи ибтидоӣ, ки марҳалаи аз ҳама муҳими умри инсонӣ мебошад, маҳз ба заҳмати модар ва муҳаббати ӯ вобаста аст.*

*Вале агар ҳаёти зан танҳо бо мушкилоти рӯзгор маҳдуд гардад ва бори гарони хонавода бар дӯши ӯ бошад, пас гумон аст, ки чунин тарбия судбахшу ҳадафманд сурат гирад.*

*Беҳуда нест, ки сатҳи маърифати ҷомеа ва нуфузу эътибори он аз рӯйи муносибат ба зан, ба модар муайян карда мешавад, аз рӯйи он арзёбӣ мегардад, ки занон то чӣ андоза соҳибмаърифату соҳибкасбанд ва то чӣ андоза дар ҳаёти ҷомеа фаъол мебошанд.*

*Аз ин рӯ, Ҳукумати Тоҷикистон ҳанӯз аз оғози истиқлолият вобаста ба таҳкими мақому манзалат ва таъмини риояи ҳуқуқи конститутсионии занон тамоми тадбирҳои заруриро андешида, онҳоро мутобиқи меъёрҳои ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ амалӣ мегардонад.*

*Мо дар ин давра бо мақсади баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа, таъмин намудани баробарҳуқуқии мардону занон, тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунанда аз ҷумлаи занону духтарони лаёқатманд як силсила асноди заруриро қабул намудем ва онҳоро амалӣ карда истодаем.*

*Ҳадафи мо аз қабули ин санадҳо, пеш аз ҳама арҷгузорӣ ба ҳуқуқу озодиҳои занон, баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа, тавсеаи нақши ӯ дар ҳаёти сиёсӣ ва иқтисодиву иҷтимоии мамлакат, фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти занону бонувон мебошад.*

*Дар натиҷа, солҳои охир теъдоди занони мутахассису соҳибтаҷриба дар зинаҳои мухталифи ҳокимият – мақоми олии қонунгузор, ҳокимияти судиву иҷроия ва тамоми сохтору мақомоти давлативу ҷамъиятӣ торафт афзоиш ёфта, онҳо дар рушду пешрафти самтҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа саҳми воқеии худро гузошта истодаанд.*

*Имрӯз дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа бо дарназардошти бахши хусусӣ беш аз як миллион занону духтарон фаъолият доранд, ки ин нишондиҳанда 45 фоизи шумораи аҳолии машғули корро ташкил медиҳад.*

*Қисми зиёди кормандони соҳаи маорифу тандурустиро занон ташкил медиҳанд. Умуман, агар дар соҳаи тандурустии кишвар беш аз 50 ҳазор нафар машғули кор бошанд, аз ин рақам 44 ҳазор нафарашон занон мебошанд.*

*Дар соҳаи маориф бошад, 52 ҳазор нафари омӯзгорон аз ҳисоби занон фаъолият мекунанд. Боиси хушнудист, ки имрӯз дар ҷодаи илм беш аз 1000 нафар занони донишманд ва бомаърифати тоҷик пурмаҳсул заҳмат мекашанд.*

*Дар баробари ин, як масъалаи муҳим моро ба андеша водор менамояд. Ҳоло теъдоди умумии кадрҳои роҳбарикунанда дар мамлакат 15 ҳазор нафарро ташкил мекунад, вале аз ин нишондиҳанда танҳо 5 ҳазор нафар ба занҳо рост меояд, ки ин ҳанӯз ҳам кофӣ нест. Ҳарчанд ки дар солҳои нахустини истиқлолият занон дар сафи кадрҳои роҳбарикунанда тамоман кам ва ҳатто ангуштшумор буданд.*

*Бо вуҷуди зиддияту пофишориҳои зиёд мо лозим донистем, ки ба хотири ислоҳи чунин вазъи номӯътадил фармони махсуси Президенти мамлакатро «Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа» қабул намоем. Дар он шароит фармони мазкур сиёсати интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои болаёқатро аз ҳисоби занон куллан дигаргун сохт.*

*Дар шаҳру ноҳияҳои кишвар мутахассисони ботаҷриба аз ҷумлаи занон ба корҳои масъули давлатӣ ҷалб шуданд. Вале замони имрӯза тақозо менамояд, ки мо ба ин масъала муносибати боз ҳам ҷиддитар намоем.*

*Бинобар ин, бо мақсади тарбияи кадрҳо аз ҳисоби занону духтарон ҳамаи вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро зарур аст, ки ба масъалаи амалӣ намудани «Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд барои солҳои 2007-2016» эътибори ҷиддӣ диҳанд.*

*Хотирнишон месозам, ки беҳтар намудани вазъи иҷтимоии мардуми кишвар, бахусус фароҳам овардани шароити мусоиди кору зиндагӣ барои занони мамлакат минбаъд низ ҳамчун самти муҳими сиёсати иҷтимоии давлат идома хоҳад ёфт.*

*Яке аз масъалаҳои муҳимтарини ҳаёти имрӯзаи ҷомеаи мо ташаккули тарзи зиндагии солим, фароҳам овардани шароит барои модару фарзанди солим ва ташкили оилаи солим мебошад.*

*Ин масъала, пеш аз ҳама ба мунтазам беҳтар намудани сатҳу сифати зиндагии мардум, ҳифзи саломатии занону модарон, баланд бардоштани сатҳи маърифати онҳо ва тарбияи насли аз ҷиҳати ҷисмонӣ ва маънавӣ солим, яъне ба масъалаи оилаи устувор дахл дорад.*

*Зеро оила ниҳоди асосии ҷомеа, манбаи парваришу тарбияи неруи солими зеҳниву ҷисмонӣ ва идомадиҳандаи насли мо маҳсуб мешавад. Агар ободиву суботи ҷомеа аз осоишу оромии ҳар як оила вобаста бошад, дар навбати худ ободии ҳар як хонадон аз рӯҳияи поку созанда, сатҳи маърифат ва саломатии зан-модар вобаста аст.*

*Нақши модар махсусан дар тарбия, омӯхтани забон, таъриху фарҳанг, донишҳои муосир ва умуман камолоти маънавию ахлоқии фарзанд барҷаста ва ҳатто муайянкунанда мебошад.*

*Аз ин рӯ, фаромӯш набояд кард, ки волидайн ва махсусан модарони имрӯза фарзандони худро ба камол расонида, ҳамзамон таърихи ояндаи Ватани хеш, гузашта аз ин таърихи ояндаи башарро эҷод мекунанд.*

*Бинобар ин, худи модарон бояд соҳибмаърифату бофарҳанг ва дорои ҷаҳонбинии васеъ бошанд, то ки дар тарбияву парасторӣ, камолоти маънавию ҷисмонӣ ва ба ҳаёти мустақилона омода кардани фарзандонашон нақшу мақоми онҳо ба хубӣ эҳсос гардад.*

**(Идома дар саҳ. 2)**

## • Иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум

**7 марти соли 2012 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров ҷаласаи навбатии Иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум баргузор гардид.**

Доир ба рӯзномаи ҷаласа бо дарбаргирии масъалаҳои зерин Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид:

**1.Дар хусуси Созишнома дар бораи ҳамкории вазоратҳои корҳои дохилии (политсияи) давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар мубориза бар зидди хариду фурӯши одамон**



# Қонуни мукаммал дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд қабул гардид

**2.Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд»**

**3.Дар бораи лоиҳаи Низомномаи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**4.Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012».**

**РАИС:**- Ба муҳокимаи масъалаҳои рӯзномаи ҷаласа шурӯъ менамоем. «Дар хусуси Созишнома дар бораи ҳамкории вазоратҳои корҳои дохилии (политсияи) давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар мубориза бар зидди хариду фурӯши одамон» сухан ба вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳимов Рамазон Ҳамроевич дода мешавад.

**Рамазон РАҲИМОВ: -Мӯҳтарам Раис, мӯҳтарам Раёсат, вакилони гиромӣ!**

Мақомоти корҳои дохилии давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил фаъолияти худро дар асоси Оинномаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, созишномаҳо, қарордодҳо, ки дар доираи Иттиҳоди мазкур ба имзо расонида шудаанд, ба роҳ мемонад.

Яке аз чунин созишномаҳо ин Созишнома дар бораи ҳамкории вазоратҳои корҳои дохилии (политсияи) давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар мубориза бар зидди хариду фурӯши одамон мебошад, ки он 17 сентябри соли 2010 дар шаҳри Санкт-Петербурги Федератсияи Россия ба имзо расидааст.

Созишнома аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Созишномаи мазкур бо мақсади кӯшиши пешгирӣ, барҳамзании хариду фурӯши одамон, хусусан занон ва кӯдакон, таъмин намудани ҷазои ҳатмӣ ба ҷинояткорон, инчунин бо мақсади ташкили механизмҳои пурсамари ҳамкориҳои мубориза бар зидди онҳо ба тасвиб расонида шудааст.



Бинобар ин, тасдиқи созишномаи мазкур рушди муносибатҳои тарафҳоро дар соҳаи мубодилаи маълумот ва таҳкими ҳамкориҳои ояндаи иттилоотӣ ҳангоми ҳалли вазифаҳои ҳимояи ҳуқуқ, озодиҳои шаҳрвандон, мубориза алайҳи ҷинояткорӣ, пурзӯр намудани мубориза бар зидди хариду фурӯши одамон, узвҳо ва бофтаҳои одамон ва ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ таъмин менамояд.

Созишнома аз муқаддима ва 17 модда иборат буда, дар муқаддимаи он мақсад ва мароми ба имзо расидани он баён шудааст.

Дар моддаи 1-уми созишнома вазифаҳо оид ба пешгирӣ, ошкорсозӣ, барҳамдиҳӣ, кушодан ва тафтиши ҷиноятҳо, ба таври ройгон аз рӯйи дархост пешниҳод намудани маълумоти дар қайдҳои оперативию иттилоотӣ, кофтуковӣ, криминалистӣ, бойгониҳои мавҷудбуда, ҳамчунин табодули маводи илмию техникӣ, иттилоотию таҳлилӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи мубориза бар зидди хариду фурӯши одамон ва ҳамкорӣ дар доираи созишномаи мазкур мутобиқи қонунгузорӣ ва ӯҳдадориҳои байналмилалии тарафҳо ба тасвиб расидааст.

Моддаҳои 2-7-ум дар бораи ҳамкории тарафҳо, пешниҳоди иттилоот, чораҳои иҷрои саривақтӣ, сифатнок ва нисбатан таъмин намудани дархост, мақсад ва асоснокии он, махфияти маълумоти дастраснамуда ва расонидани кӯмак нисбат ба дархост чораҳои муҳофизати ҳуҷҷатҳои иттилоотӣ бахшида шудааст.

Дар моддаҳои 8-10-уми созишнома тартиб, мақсад ва маблағгузории ҳамкориҳо дар асоси созишномаи мазкур, истифодаи забони корӣ, вохӯрии кории тарафҳо ва ҳамкорӣ дарҷ карда шудааст.

Моддаҳои 11-16-уми созишнома масъалаҳои бартараф намудани ихтилофот, дахолат накардани созишнома ба ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои ҳар як тараф, ҳалли баҳсҳо байни тарафҳо, тартиби мӯҳлати амал ва эътибор пайдо намудани созишнома, ворид намудани тағйироту иловаҳо ба он ва дигар масъалаҳои ба созишнома алоқамандро муқаррар кардааст.

Қобили зикр аст, ки ҷиноятҳо дар самти хариду фурӯши одамон аксари давлатҳои дунёро ба ташвиш овардааст. Аз ин лиҳоз, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаҳои мубориза бар зидди ин ҷинояти махсусан вазнин диққати муҳим медиҳад. «Барномаи маҷмӯи мубориза ба муқобили хариду фурӯши одамон барои солҳои 2011-2013», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2011 таҳти №113 тасдиқ шудааст, гувоҳи ин гуфтаҳост.

Созишнома дар бораи ҳамкории вазоратҳои корҳои дохилии (политсияи) давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар мубориза бар зидди хариду фурӯши одамон ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад.

Дар асоси гуфтаҳои боло, аз шумо, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки ҷиҳати тасдиқи созишномаи мазкур овоз диҳед.

**РАИС:**- Аз рӯйи ин масъала, сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният Гиёев Сайфулло Неъматович дода мешавад.



**Сайфулло ГИЁЕВ:- Мӯҳтарам Раис, мӯҳтарам аъзои Раёсат, вакилони гиромӣ!**

Ба баррасии шумо, Созишнома дар бораи ҳамкории вазоратҳои корҳои дохилии (политсияи) давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар мубориза бар зидди хариду фурӯши одамон пешниҳод карда мешавад.

Созишномаи мазкур аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол шудааст.

**(Идома дар саҳ. 2)**

# Модар азизтарин вуҷуди рӯйи замин мебошад

(Идома аз саҳ. 1)

*Дар ин ҳолат, афроди ҷомеаи таълимдидаву тарбиягирифта, соҳибмаърифату донишманд ва худогоҳу худшинос, пеш аз ҳама иззату эҳтироми падару модари худро ба ҷо оварда, дӯст доштани сарзамини аҷдодӣ ва арҷ гузоштан ба арзишҳои муқаддаси Ватанро рисолати инсонӣ ва қарзи фарзандии худ медонанд.*

*Аз ин лиҳоз, таълиму тарбияи фарзандон, пеш аз ҳама вазифаи муқаддаси падару модарон ва баъдан мактаб ва ҷомеа мебошад.*

*Бояд гуфт, ки таълиму тарбияи кӯдакону наврасон яке аз масъалаҳои муҳими сиёсати иҷтимоии давлат ба ҳисоб меравад. Бо дарназардошти мушкилоту масъалаҳои дар ин самт мавҷуда мо лозим донистем, ки тадбирҳои мушаххас андешем.*

*Дар натиҷа, чанде пештар ба хотири баланд бардоштани масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд ва мустаҳкам намудани робитаи оила бо мактаб баъд аз муҳокимаи васеъ бо аҳли ҷомеа Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» қабул карда шуд, ки он ба эътирофи коршиносони маъруфи соҳаи ҳуқуқ падидаи нодир маҳсуб мешавад.*

*Ҳадафи асосӣ аз қабули ин қонуни миллӣ ба воя расонидани насли солиму тарбиядида ва тайёр намудани мутахассисони баландихтисосу соҳибмаърифат мебошад, ки пешрафту тараққиёт ва ободии ояндаи Ватани маҳбубамон ба зиммаи онҳо гузошта хоҳад шуд.*

*Мо ба ин васила мехоҳем, ки бо роҳи густариш додани арзишҳои неки ҷомеаи суннатии худ раванди ташаккули ҷомеаи фарҳангӣ ва пешрафтаро тақвият бахшем ва кӯдакону наврасони кишварамон ҳамчун инсонҳои андешаманду огоҳ ва соҳибмаърифату бофарҳанг ба камол расида, барои худ ва наслҳои оянда зиндагии шоистаро таъмин намоянд.*

*Вале тавре ки таҳлилҳо нишон медиҳанд, баъзе афроди ҷомеа моҳият ва талаботи асосии ин қонунро ҳанӯз амиқ дарк накардаанд.*

*Бо дарназардошти ин, ба масъулини соҳа супориш дода мешавад, ки ҷиҳати татбиқи талаботи қонуни мазкур бо ҷалби тамоми имкониятҳо, аз ҷумла неруи созандаи аҳли зиё ва умуман ҳамаи аъзои ҷомеа тадбирҳои иловагӣ андешанд.*

*Илму маориф дар ҳама давру замонҳо нишони тамаддун ва таъриху фарҳанги ҳар як давлату миллат мебошад. Мардуми тоҷик аз қадимулайём бо дафтару девон сарукор доштанд, китобдору китобхон буданд ва дар бунёди тамаддуни башарият бо корномаҳои илмиву фарҳангии худ саҳми шоиста гузоштаанд.*

*Ҳамчунин боиси ифтихор аст, ки садҳо нафар фарзонаҳои илму адаби ҷаҳонро модарони тоҷик ба дунё овардаанд.*

*Имрӯз беш аз пеш аён мегардад, ки пешрафти давлат ва нерумандии ҷомеа, пеш аз ҳама ба истифода ва риояи арзишҳои олии ахлоқиву маънавӣ вобаста мебошад, ки бе таълиму тарбияи дуруст зуҳур кардан ва натиҷа бахшидани онҳо амри маҳол аст.*

*Аз ин рӯ, Ҳукумати Тоҷикистон соҳаи маорифро яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоӣ эълон карда, дар доираи он ба таҳсил фаро гирифтани духтаронро яке аз масъалаҳои муҳим мешуморад.*

*Чунонки шумо дар хотир доред, дар солҳои аввали истиқлолият масъалаи таҳсили духтарон ба мушкилоти ҷиддӣ табдил ёфта буд. Аз соли 1997 шурӯъ намуда, бо мақсади тарбияи кадрҳо аз ҳисоби духтарони маҳаллӣ, бахусус аз ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон дар ҳама макотиби олии мамлакат квотаи махсуси президентӣ ҷорӣ кардем.*

*Ба шарофати ин иқдом дар тӯли 15 соли охир тақрибан 8 ҳазор нафар ҷавондухтарон соҳиби маълумоти миёнаву олии касбӣ гашта, имрӯз дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти миллӣ фаъолият карда истодаанд.*

*Айни замон дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар қариб се ҳазор нафар ҷавондухтарон тибқи квотаи президентӣ таҳсил доранд.*

*Умуман, дар муассисаҳои таҳсилоти олии мамлакат ҳоло зиёда аз 150 ҳазор нафар донишҷӯён таҳсил менамоянд, ки 45 ҳазор нафарашонро духтарон ташкил медиҳанд.*

*Вале тавре ки таҳлил нишон медиҳад, фаъолияти баъзе мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ доир ба татбиқи тадбирҳои андешидаи Ҳукумат ва нақшаву барномаҳои соҳавӣ ҳанӯз қаноатбахш нест.*

*Бинобар ин, Вазорати маориф ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо вазифадоранд, ки ҷиҳати рафъи камбудиҳои ҷойдошта тадбирҳои мушаххас андешанд.*

*Бо истифода аз фурсат мехоҳам таваҷҷуҳи масъулини сохторҳои дахлдорро боз ба як масъалаи муҳим ҷалб намоям. Мо зарурати ширкати занонро дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоии ҷомеа ва саҳми онҳоро дар рушди иқтисодиёти миллӣ мудом таъкид месозем.*

*Вале барои ин, пеш аз ҳама зарур аст, ки шароити мусоид фароҳам оварда шавад.*

*Худ қазоват кунед, ҷавонзане, ки ду-се кӯдаки ноболиг дорад, оё дар ин ҷода муваффақ шуда метавонад? Барои ин ӯ бояд хотирҷамъ ва аз ваҷҳи кӯдакони хурдсолаш осуда бошад. Ин дар сурате муяссар мегардад, ки дар шаҳру деҳот муассисаҳои томактабии ҳозиразамон дар сатҳи зарурӣ фаъолият дошта бошанд.*

*Чунин муассисаҳо бояд ба тарбияи зеҳниву ҷисмонии кӯдакон мусоидат намоянд ва онҳоро ба мактаб омода созанд.*

*Ин масъала хеле муҳим аст ва роҳбарияти Вазорати маориф, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои ҳалли он бояд чораҳои зарурӣ андешанд.*

*Ба ин кори хайр, яъне ташкили муассисаҳои томактабӣ тоҷирону соҳибкорон ва дигар шахсони саховатмандро ҷалб кардан лозим аст.*

*Хушбахтона, имрӯз дар кишвари мо чунин шахсони хайрхоҳу савобҷӯй хеле зиёданд. Бо рушди шабакаи муассисаҳои томактабӣ ҳам фарзандони хурдсоли мардум бо таълиму тарбия фаро гирифта мешаванд ва ҳам садҳо нафар бо ҷойи корӣ таъмин мегарданд.*

*Дар Паёми соли гузаштаи худ ба Маҷлиси Олӣ таъкид карда будам, ки Кумитаи кор бо занон ва оила доир ба тайёр кардани мутахассисон аз ҳисоби занон ва мусоидат ба шуғли онҳо барои солҳои 2012-2015 барномаи махсуси давлатиро таҳия намояд. Лоиҳаи барномаи мазкур аллакай таҳия шуда, айни замон дар Ҳукумат мавриди баррасӣ қарор дорад.*

*Илова бар ин, ба Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ супориш дода мешавад, ки ҷиҳати баргузор намудани ярмаркаҳои ҷойҳои корӣ, ташкили кори хонагӣ ва дигар касбу ихтисосҳои ба имконияту қобилияти занон мувофиқ, инчунин омӯзиши касбҳои замонавии ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнат мунтазам чораҷӯӣ намояд.*

*Дар баробари ин, ба ҳамаи ташкилоту корхонаҳо, сарфи назар аз шакли моликияти онҳо, инчунин созмонҳои ҷамъиятӣ зарур аст, ки бо мақсади ҳалли масъалаҳои иҷтимоии занон фаъолияти худро бештар ба таъсиси ҷойҳои корӣ ва касбомӯзӣ, густариши фарҳанги оиладорӣ, рушди соҳибкорӣ ва бахусус беҳдошти кору зиндагии занону духтарон равона созанд.*

*Дар кишвари мо бештари занон дар соҳаи кишоварзӣ кор мекунанд, инчунин аз се як ҳиссаи занони қобили меҳнат бо соҳибкории хурд машғул ҳастанд. Лекин онҳо дар масъалаи ташкили хоҷагиҳои деҳқонӣ, ҷорӣ кардани усулҳои нави хоҷагидорӣ ва ба зиммаи худ гирифтани вазифаҳои роҳбарӣ дар истеҳсолоти кишоварзӣ ҳанӯз камфаъолият мебошанд.*

*Масъалаи дигаре, ки мехоҳам диққати шумо - ҳозирини гиромиро ба он ҷалб созам, ин дастрасии занон ба қарзҳои имтиёзнок мебошад.*

*Ман борҳо хотирнишон кардаам, ки пешрафти иқтисодии мамлакатро бидуни рушди муносибатҳои бозорӣ ва ривоҷи соҳибкории хурду миёна, хусусан соҳибкории истеҳсолӣ тасаввур кардан номумкин аст. Бо ин мақсад Ҳукумати Тоҷикистон аз соли 2006 то имрӯз барои дастгирии фаъолияти соҳибкории занон грантҳои президентӣ ҷудо менамояд.*

*Дар заминаи грантҳои мазкур аз соли 2006 то соли 2010-ум 190 нафар занҳои соҳибкор ва ташкилотҳои ҷамъиятие, ки самти фаъолияти онҳо рушди соҳибкории занон мебошад, хеле корҳои судмандро анҷом додаанд. Дар ин муддат ҳазорон нафар занон бо ҷойҳои кори доимӣ ва муваққатӣ таъмин гардиданд.*

*Илова бар ин, барои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва соҳибкорӣ қариб 20 ҳазор нафар занон курсҳои омӯзишии кӯтоҳмуддатро хатм намуданд.*

*Дар маҷмӯъ, дар муддати 5 соли сипаригардида дар доираи ин лоиҳаҳо зиёда аз 21 ҳазор нафар занон ба шуғл фаро гирифта шуданд.*

*Имсол бошад 40 нафар занони соҳибкор дар заминаи грантҳои президентӣ лоиҳаҳои худро амалӣ намуда истодаанд.*

*Ҷудо кардани қарз барои занони соҳибкор сол ба сол афзуда истодааст. Масалан, агар соли 2006 ба 55 ҳазор нафар 168 миллион сомонӣ қарз дода шуда бошад, ин рақамҳо дар соли 2011-ум 103 ҳазор нафар ва 521 миллион сомониро ташкил кардаанд.*

*Бо вуҷуди ин, Вазорати молия, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Бонки миллӣ ва бонкҳои тиҷоратиро зарур аст, ки ҷиҳати фароҳам овардани имкониятҳои бештари дастёбии занон ба қарзҳои имтиёзнок тадбирҳои иловагӣ андешанд.*

*Яке аз падидаҳои номатлуб, ки солҳои охир мисолҳои он дар кишвари мо зиёд шудааст, пошхӯрии оилаҳои ҷавон ва хушунати хонаводагӣ мебошад. Масалан, соли гузашта 94 ҳазор ақди никоҳ ба қайд гирифта шуда, вале дар баробари ин қариб 7 ҳазор қайди давлатии бекор кардани никоҳ сабт гардидааст, ки ин боиси нигаронӣ мебошад.*

*Соли гузашта мо ба Кодекси оила тағйиру иловаҳо ворид карда, синни соли никоҳиро аз синни 17 ба 18 бардоштем, вале ҳоло ҳам дар баъзе ноҳияҳо ҳолатҳои ақди никоҳ бо духтарони ноболиғ мушоҳида мешаванд.*

*Аз ин рӯ, Вазорати адлия ва кумитаҳои кор бо занон ва оила, оид ба корҳои дин, инчунин мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вазифадоранд, ки корро дар байни занону духтарон ва хусусан бо навхонадорон вусъат бахшида, дар ин самт имконияту таҷрибаи шахсони обрӯманд, зиёиён ва оилаҳои намунавиро васеъ истифода баранд.*

*Махсус таъкид месозам, ки тарбияи фарзандон ва ба зиндагии мустақилона омода кардани онҳо, пеш аз ҳама вазифаи бевосита ва қарзи падару модар аст. Зеро таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки сабаби асосии барҳам хӯрдани оилаҳои ҷавон ба зиндагии мустақилона омода набудани ҷавонон, аз ҷумла духтарон мебошад.*

*Дар инъикоси ҳаёти занон ва мушкилоти онҳо, иштироки бонувон дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоии ҷомеа ва саҳми онҳо дар рушди соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти миллӣ воситаҳои ахбори омма, алалхусус нашрияҳои занон бояд фаъолона саҳм гиранд.*

*Панҷ сол муқаддам зимни воҳӯрӣ бо намояндагони занони кишвар аз аҳли толор пешниҳод ворид гардид ва бо дастгирии Ҳукумат маҷаллаи давлатии «Бонувони Тоҷикистон» ҳамчун минбар ва инъикосгари зиндагии занон арзи вуҷуд намуд.*

*Дар ин муддат бо ташаббуси аҳли эҷоди ин муассисаи давлатӣ як сомонаи хос бо номи «Бонувони Тоҷикистон» таъсис ёфтааст, ки он ҳам барои фарогирии бештари занон ба иттилои дурусту дақиқ ва саривақтӣ хизмат мекунад.*

*Ҳозирини гиромӣ!*

*Занону модарони тоҷик дар баробари корҳои давлатӣ ва хоҷагидорӣ, пеш аз ҳама кадбонуи хонавода ҳастанд ва саррриштаи рӯзгор дар дасти онҳост.*

*Сарфи оқилонаи буҷети оила яке аз шартҳои асосии рӯзгори муназзам мебошад, ки дар танзими он нақши занон хеле калон аст.*

*Бо дарназардошти аҳамияти ҳаётии ин масъала, яъне сарфаю сариштакорӣ мо ҳанӯз панҷ сол пеш бо фаъолон ва намояндагони ҳамаи табақаҳои кишвар доир ба танзими расму оинҳои миллӣ ва анъанаву маросимҳои мардумӣ машварати васеъ баргузор карда, дар ин асос Қонун «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро қабул намуда будем.*

*Чунон ки имрӯз мебинем, ин қонун дар ҳаёти ҷомеа татбиқ шуда, натиҷаҳои дилхоҳ ба бор меорад.*

*Вале таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳанӯз ҳам баъзе занону модарон барои ба намоиш гузоштани дороии хонадони худ маросимҳои оддии анъанавиро ба маъракаҳои пуршукӯҳу дабдабанок табдил дода, ба исрофкорӣ роҳ медиҳанд.*

*Ман бори дигар таъкид менамоям, ки бояд пеши роҳи ҳама гуна зоҳирпарастӣ, хароҷоти беҳуда ва исрофкориҳо гирифта шавад ва онҳое, ки ба чунин амал роҳ медиҳанд, дар назди қонун ҷавоб гӯянд.*

*Дар урфият мегӯянд, ки агар зан ҳар рӯз ба андозаи сари сӯзан сарфа намояд, зиндагии худро ба низоми муайян медарород.*

*Бинобар ин, занону модарон дар танзими расму оинҳои мардумӣ ва риояи қонуни қабулшуда бояд намунаи ибрат бошанд. Зеро татбиқи сиёсати давлат дар самти танзими расму оинҳои мардумӣ ҳам яке аз вазифаҳои асосии занон ба ҳисоб меравад.*

*Фаромӯш набояд кард, ки занону модарони тоҷик аз азал хушрӯзгору сариштакор буданд. Хусусан дар солҳои охир, ки бо сабаби бӯҳронҳои пайдарпайи иқтисодӣ нарху навои молу маҳсулот, аз ҷумла маводи озуқа торафт баланд шуда истодааст, мо набояд бо исрофкорию зиёдаравӣ роҳ диҳем.*

*Дар хотир бояд дошт, ки исрофкорӣ ношукрӣ аст ва исрофкоронро дини мубини ислом низ маҳкум мекунад.*

*Мо метавонем маблағҳои сарфшударо барои ободии хонаи худ ва фароҳам овардани шароити беҳтари зиндагӣ барои аҳли оила, таълиму тарбияи фарзандон, бо сару либос ва асбобу ашёи хониш таъмин кардани онҳо сарф намоем.*

*Мо ба қувваи бузурги занон эътимод дорем ва ба онҳо такя мекунем, ки барои осону содда барпо кардани маъракаҳо саҳми худро гузоранд.*

*Саодатмандиву сарбаландии занону модарони тоҷик ва аҳли хонадони онҳо дар маҷмӯъ омили муҳими пешрафту ободии Ватани маҳбубамон – Тоҷикистони соҳибистиқлол мебошад.*

*Тамоми ҷомеаи мо бояд як нуктаро дарк намояд, ки ҳар як модар шоистаи таҳсин, сазовори ситоиш, арзандаи эҳтиром ва арҷ гузоштан аст.*

*Баъди чанд рӯзи дигар мардуми мо тибқи таомули аҷдодӣ Наврӯзи хуҷастафолро ҷашн мегиранд. Вале имсол ҷашни Наврӯз дар Ватани мо ба таври махсус – дар миқёси байналмилалӣ таҷлил мегардад.*

*Тоҷикистон дар баробари чандин давлатҳои дигар аз ҷумлаи ташаббускорони мақоми байналмилалӣ гирифтани Наврӯз буд.*

*Аҳамияти ин ҷашни бузургро ба инобат гирифта, бояд масъулону фаъолон, бахусус занону модарон дар тозагиву зебоии манзили зист, кӯчаву хиёбон, маҳаллаву деҳа ва шаҳристону шаҳрҳо саъю талош намоянд.*

*Дигар ин, ки мо ва хусусан занону духтарон бояд ин ҷашни бузурги миллиамонро бо сару либоси идонаи миллӣ истиқбол намоем ва нишон диҳем, ки мардуми мо аз ҷумлаи посдорандагони воқеии расму ойинҳои Наврӯзи Аҷам мебошанд.*

*Тавъам омадани ду ҷашн - Рӯзи модар ва Наврӯзи хуҷастапай дар кишвари биҳиштосои мо худ рамзи баҳори шукуфони сарзамини аҷдодиамон мебошад. Зеро зан – модар худ гул ва баҳори зиндагии башар аст. Дар ин маврид яке аз бузургони гузашта барҳақ фармудааст: «Ҳеҷ гуле атр, ранг ва зебоии модарро надорад».*

*Дар фарҷоми сухан ҳамаи шумо – гулҳои ҳамешабаҳори боғи зиндагӣ ва дар симои шумо тамоми занону модарон ва бонувони мамлакатро бори дигар ба ифтихори бузургдошти Рӯзи модар ва фарорасии ҷашни ҷаҳонии Наврӯз, ки бо гузашти якчанд рӯз ба дилу ҷони мо шодиву фараҳ меорад, самимона табрик гуфта, бароятон саломатӣ, хушбахтиву саодатмандӣ ва рӯзгори ободу осуда орзу менамоям.*

**Идатон муборак, модарону хоҳарон ва бонувони азиз!**

## Мулоқот бо намояндагони бонувони фаъоли кишвар

***Шашуми марти соли 2012 Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи модар бо намояндагони бонувони фаъоли кишвар мулоқот намуд.***

Мулоқоти навбатии анъанавии Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон бо намояндагони бонувони фаъол, ки аз тамоми гӯшаю канори кишвар ҷамъ омаданд, дар бӯстонсарои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.

Дар ин мулоқот занону духтарони касбу кори гуногун аз сохторҳои давлатию ҷамъиятӣ, олимону омӯзгорон, табибон, донишҷӯён, адибаҳои маъруф ва шахсиятҳои дигари шинохта, ки дар солҳои Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон нақши намоёни ҷамъиятӣ гузоштаанду доранд, иштирок намуданд.

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон аҳли толор ва дар симои онҳо тамоми модарон ва занону духтаронро бо Рӯзи модар табрику таҳният гуфта, ба онҳо хушбахтию сиҳатмандӣ ва рӯзгори ободу осуда таманно намуд.

Бо қаноатмандӣ зикр гардид, ки имрӯз беш аз 45 фоиз аҳолии машғули кори кишварро занону духтарон ташкил медиҳанд ва шумораи умумиашон зиёда аз як миллион нафар аст.

Ҳамчунин зикр гардид, ки аз 15 ҳазор нафар кадрҳои роҳбарикунанда 5 ҳазорашро занону духтарон ташкил мекунанд ва ин, ба андешаи Сарвари давлат, нокифоя аст. Аз ин хотир, таъкид гардид, ки ба таълиму тарбияи духтарони оқилу доно, болаёқат ва дорои қобилияти роҳбарикунанда дар тамоми гӯшаю канори кишвар таваҷҷуҳи хос зоҳир карда шавад.

Бо арзи қаноатмандӣ иттилоъ дода шуд, ки тайи 15 соли охир бо квотаҳои президентӣ тақрибан 8 ҳазор ҷавондухтарон, пеш аз ҳама аз ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон соҳиби таҳсилоти миёнаю олии касбӣ ва касбу ҳунар шуданд ва беш аз 3 ҳазори дигар имрӯз таҳсили илм мекунанд. Ба иттилои Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон аз 150 ҳазор донишҷӯёни имрӯза 45 ҳазор нафараш духтарон мебошанд.

Тавре таъкид гардид, занону духтарон на танҳо дар тавлид ва таълиму тарбияи насли наврас, балки дар тамоми паҳлуҳои ҳаёти ҷомеа бояд неруи тавоною муқтадир, ташаббускори ободӣ ва пешрафту шукуфоиҳо будани худро пайваста собит намоянд.

Бо ёдоварӣ аз грантҳои президентӣ ба занони соҳибкор таъкид гардид, ки дар зарфи 5 соли охир ба ин восита беш аз 21 ҳазор нафар занон бо кор таъмин карда шуданд ва қариб 20 ҳазор нафари дигар дар курсҳои кӯтоҳмуддат касбу ҳунар омӯхтанд.

Тибқи иттилои Сарвари давлат шумораи занони аз бонкҳо барои соҳибкорӣ қарзгиранда низ бамаротиб афзудааст. Агар соли 2006-ум 55 ҳазор нафар занон 168 миллион сомонӣ қарз гирифта бошанд, пас дар соли 2011-ум 103 ҳазор нафар 521 миллион сомонӣ қарз гирифтаанд.

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон бо ишора ба нақши муассири занону духтарон дар рӯзгору оила таъкид намуд, ки онҳо дар риояи талаботи қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, аз ҷумла иҷрои қонунҳо «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» фаъол бошанд.

Дар қисмати дуюми мулоқот миёни Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ва занону духтарони фаъол маҳфили ошкорои пурсишу посух сурат гирифт.

Зимни он олимаи тоҷик Насиба Содиқова, ятимдухтари донишҷӯ Марҳабо Файзиева, роҳбари Ташкилоти ҷамъиятии «Тоҷи Зарин» Зарина Муллоева, мудири кор бо занон ва оилаи Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Тоҷикобод Нодираи Маҳмадисо, мудири шӯъбаи маорифи шаҳри Исфара Муҷибахон Ҷавҳарова, сардухтури Пажӯҳишгоҳи бемориҳои узвҳои ҳозима Саодат Азимова ва ду шоираи ширинкалом - Меҳринисо ва Рӯдобаи Мукаррам изҳори андеша карданд.

***www.prezident.tj***

(Идома аз саҳ. 1)

# Қонуни мукаммал дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд қабул гардид

Созишномаи мазкур 17 сентябри соли 2010 дар шаҳри Санкт- Петербург ба имзо расидааст, аз пешгуфтор ва 17 модда иборат мебошад.

Мақсади асосии созишнома ин ҳамкории якҷояи вазоратҳои корҳои дохилии (политсияи) давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил баҳри пешгирӣ, барҳамзании хариду фурӯши одамон, хусусан занон ва кӯдакон, таъмин намудани ҷазои ҳатмӣ ба ҷинояткорон, инчунин ташкили механизми пурсамари ҳамкориҳои мубориза бар зидди онҳо ва кушодани ҷиноятҳо равона карда шудааст.

Созишномаи мазкур дар моддаҳои алоҳида шаклҳои дутарафаи қабулшудаи ҳамкориҳои тарафҳоро муайян кардааст. Дар моддаи 3-юми созишнома шаклҳои асосии ҳамкориҳои тарафҳо нишон дода шудааст. Дар моддаи 6-ум бошад, чораҳои зарурӣ барои иҷрои саривақтӣ, сифатнок ва нисбатан пурраи дархост оварда шудааст.

Созишномаи мазкур бо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 феврали соли 2012 ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният, дигар кумитаҳо ва барои додани хулосаи экспертизаи ҳуқуқӣ ба шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фиристода шуда буд. Кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон созишномаи мазкурро омӯхта, онро ҷонибдорӣ карда, доир ба он хулосаҳои худро пешниҳод намуданд.

Кумитаи масъул масъалаи зикргардидаро 28 феврали соли 2012 дар ҷаласаи васеи худ бо иштироки намояндагони кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва намояндаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди муҳокима қарор дода, онро ҷонибдорӣ намуданд.

Созишнома ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад.

Бинобар ин, аз шумо, вакилони мӯҳтарам, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки ҷиҳати тасдиқи созишномаи мазкур овоз диҳед.

*Доир ба тасдиқи созишномаи мазкур Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуд.*

**РАИС:**- Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд» сухан ба раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ширинов Абдуҷаббор дода мешавад.

**Абдуҷаббор ШИРИНОВ: - Мӯҳтарам Раис, Раёсат, мӯҳтарам вакилони Маҷлиси намояндагон, ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи қонуни мазкур «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд» ҷиҳати иҷрои Дурнамои сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2011 ва Стратегияи рушди бахши бонкӣ дар давоми солҳои 2010-2015 пешниҳод шудааст.



Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурдро муайян намуда, ба ташаккул ва рушди бозори хизматрасонии маблағгузории хурд ва дастгирии соҳибкории хурду миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудааст.

Лоиҳаи қонун аз муқаррароти умумӣ (моддаҳои 1 – 4), масъалаҳои таъсис, сармоя, идоракунӣ (моддаҳои 5-13), тартиби иҷозатномадиҳӣ ва доираи фаъолият (моддаҳои 14 – 22), танзим ва назорати ташкилотҳои маблағгузории хурд (моддаҳои 23-27), соли молиявӣ, аудит ва муқаррароти хотимавӣ ( моддаҳои 28-32) иборат аст.

Лоиҳаи қонуни мазкур аз ҷониби кумитаҳо ва Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардидааст.

Бо мақсади мукаммал гардонидани лоиҳаи қонуни мазкур чунин пешниҳодҳои иловагиро ба мақсад мувофиқ мешуморем:

1. Дар қисми 3 моддаи 11-ум калимаҳои «Шӯрои парасторон ва» хориҷ карда шаванд.

Ин имконият медиҳад, ки муассисони фонди қарзии хурд низ аъзои Шӯрои парасторони фонд гарданд ва дар идоракунии фонд ширкат варзанд.

2. Дар қисми 6 моддаи 11-ум калимаҳои «бо иштироки» хориҷ карда шаванд, зеро дар қисми мазкур сухан дар бораи ташаббуси даъвати маҷлиси Шӯрои парасторон меравад.

Масъалаи иштирок дар маҷлиси Шӯрои парасторон бошад, дар қисми 7 моддаи мазкур пешбинӣ гардидааст.

3. Қисми 2 моддаи 22-юми лоиҳаи қонун барои кормандони роҳбарикунандаи ташкилоти амонатии қарзии хурд талаботи тахассусиро пешбинӣ менамояд ва яке аз чунин талабот -доштани таҳсилоти олии касбии иқтисодӣ ва аз рӯйи ихтисос собиқаи кории на камтар аз ду сол мебошад.

Ташкилоти амонатии қарзии хурд ҳуқуқи ҷалби пасандозҳои шахсони воқеиро дорад ва ҷой доштани хавфи барнагаштани пасандозҳо мумкин аст. Сатҳи ин хавф аз кормандони роҳбарикунанда вобастагии калон дорад.

Тибқи қисми 2 моддаи 42-юми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» мақсади асосии танзим ва назорати фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ нигоҳдории суботи низоми бонкӣ ва низоми пардохт, ҳимояи манфиатҳои пасандоздорон ва қарздеҳон мебошад.

Аз ин рӯ, пешниҳод мегардад, ки дар сархати якуми қисми 2 моддаи 22 баъди калимаҳои «аз рӯи ихтисос» калимаҳои «дар низоми бонкӣ» илова карда шаванд.

4. Моддаи 25-уми лоиҳа масъалаҳои назорат ва санҷиши ташкилотҳои маблағгузории хурдро аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон пешбинӣ менамояд.

Пешниҳод менамоем, ки ба моддаи мазкур қисми 9 дар таҳрири зайл илова карда шавад:

«9. Тартиби гузаронидани санҷиши ташкилотҳои маблағгузории хурд бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад».

Муқаррароти мазкур барои бонкҳо дар моддаи 52-юми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» пешбинӣ гардидааст.

Эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки лоиҳаи қонуни мазкур, бо дарназардошти пешниҳодҳои зикршуда, қабул карда шавад.

**РАИС:** - Аз рӯйи ин масъала сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Талбаков Исмоил Иброҳимович дода мешавад.



**Исмоил ТАЛБАКОВ: - Мӯҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Ба муҳокимаи шумо лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2011 таҳти № 638 барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол шуда буд, пешниҳод карда мешавад.

Лоиҳаи қонуни мазкур тибқи талаботи Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз марҳилаҳои баррасӣ гузаронида шуд.

Дар таҳияи лоиҳаи қонуни мазкур намояндагони ташкилотҳои маблағгузории хурд бештар таваҷҷуҳ зоҳир намуда, онҳо дар марҳилаи таҳия бо субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ҳамкории зич дошта, таклифҳои мушаххасро пешниҳод намуданд, ки ба лоиҳа ворид карда шуданд. 24 феврали соли ҷорӣ маҷлиси васеи Ассотсиатсияи ташкилотҳои маблағгузориҳои хурди Тоҷикистон дар мавзӯи «Ҳамкории байни мақомотҳои қонунгузорӣ, давлатӣ ва сектори молиявии хурд» баргузор гардид, ки дар он лоиҳаи қонуни мазкур мавриди баррасӣ қарор гирифт. Дар ин мизи мудаввар намояндагон аз 78 ташкилотҳои маблағгузори хурди Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, ташкилотҳои лизингӣ, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷамъияти олмонӣ оид ба ҳамкории байналмилалӣ иштирок доштанд. Онҳо лоиҳаи қонуни мазкурро пурра ҷонибдорӣ намуданд.

Лоиҳаи қонуни мазкур аз 7 боб ва 32 модда иборат буда, муқаррароти умумӣ ва муносибатҳое, ки вобаста ба таъсис, сармояи оинномавӣ, идоракунӣ, иҷозатномадиҳӣ, фаъолият, мақоми танзиму назорат ва аудити ташкилотҳои маблағгузории хурдро ба танзим медарорад.

Масъалаҳои мафҳумҳои асосӣ, қонунгузорӣ, муносибат ба муштариён ва иттиҳодияҳо дар моддаҳои 1-4, таъсиси ташкилотҳои маблағгузории хурд, филиалҳо, намояндагиҳо, воҳидҳои дигари сохторӣ, сармояи оинномавӣ, идоракунӣ, молу мулки фонди қарзии хурд, Шӯрои парасторон ва мақоми иҷроияи фонди қарзии хурд, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии ташкилотҳои маблағгузории хурдро моддаҳои 5- 13 танзим менамояд. Моддаҳои 14- 18 барои ба иҷозатномадиҳӣ, асосҳо барои додан, бозхонд, ҳаққи дархост ва хироҷи иҷозатномадиҳӣ ва феҳристи ташкилотҳои маблағгузории хурд бахшида шудааст.

Масъалаҳои вобаста ба доираи фаъолият, амалиёт ва кормандони роҳбарикунандаи ташкилоти амонатии қарзи хурд дар моддаҳои 19 ва 22 танзими худро ёфтаанд. Моддаҳои 23-27 меъёрҳои мақоми танзиму назорат, меъёрҳои мақбул, назорату санҷиш, чораҳои фаврию таъсиррасонӣ ва махфиятро муқаррар менамояд. Моддаҳои 28-32 муқаррарот оид ба соли молиявӣ, аудит, ҷавобгарӣ, эътибори ҳуқуқӣ ва тартиби мавриди амал қарор додани қонуни мазкурро муайян менамояд.

Ҳамаи кумитаҳо, шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қонуни мазкурро баррасӣ карда, онро ҷонибдорӣ ва ба кумитаи масъул 51 таклифу пешниҳодҳо манзур намуданд. Ҳамаи таклифу пешниҳодҳо дар маҷлиси васеи кумитаи масъул аз 20 феврали соли 2012 бо иштироки намояндагони кумитаҳо, шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, намояндаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мутахассисон ва муовини аввали раиси Бонки миллии Тоҷикистон баррасӣ гардида, аз онҳо 24 - тоаш пурра, 2- тоаш қисман дар мувофиқа бо субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузор қабул ва ба лоиҳа ворид карда шуд.

(Идома дар саҳ. 4)

(Идома аз саҳ. 1, 2)

# Қонуни мукаммал дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд қабул гардид

Ҳамин тариқ, ба лоиҳаи қонуни мазкур тағйиру иловаҳои зерин дар мувофиқа бо субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ворид карда шуд.

1. Моддаи 3 қисми 5 дар таҳрири зайл илова гардид:

«5. Ташкилотҳои маблағгузории хурд муносибатҳоро ба бюрои таърихи қарз тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд».

2.Қисмҳои 5, 6 ва 7 мутаносибан қисмҳои 6, 7 ва 8 ҳисобида шавад.

3.Қисми 3 моддаи 17 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«3. Ҳангоми рад шудани дархост барои додани иҷозатнома, ҳаққи хизмат баргардонида намешавад.».

4. Номи боби 2 дар таҳрири зайл қабул карда шуд:

«Боби 2. Таъсис, сармояи оинномавӣ ва идоракунии ташкилотҳои маблағгузории хурд»

5. Ба дебоча ва моддаҳои 3, 11, 12, 13, 14, 16, 18, 19, 22, 24, 27 ва 29 тағйиротҳои воридшуда характери таҳририӣ ва имлоидошта ворид карда шуд.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд» ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои байналмилалӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мухолифат надорад.

Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия, бо назардошти таклифу дархостҳои дигар кумитаҳо ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд»-ро барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуда, хоҳиш менамояд, ки он ҷонибдорӣ карда шавад.

**РАИС:** - Аз рӯйи ин масъала сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Нозимов Маҳмадшариф дода мешавад.

**Маҳмадшариф НОЗИМОВ: - Мӯҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**



Дар ҷараёни ислоҳоти иқтисодӣ ва гузариш ба муносибатҳои иқтисоди бозорӣ ислоҳот дар соҳаи молия ва низоми бонкдорӣ мавқеи аввалро дар бар мегирад. Вобаста ба ин, солҳои 2009-2011 дар ҷумҳурӣ барои такмили қонунгузории низоми бонкӣ як зумра қонунҳои мукаммал, аз ҷумла қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ», «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон», «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ» ва «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ» қабул гардидаанд, ки воқеан қабули онҳо, рушди устувори иқтисодиёти ҷумҳуриро таъмин менамояд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд» давоми мантиқии ислоҳоти низоми бонкӣ буда, барои рушди соҳибкории хурду миёна заминаи боэътимод гузошта, маблағҳои пасандозҳои аҳолии ҷумҳуриро барои ворид намудан дар ҷараёни истеҳсолоти воқеӣ ва инчунин ба гардиши фаъол ҷалб намудан ин маблағҳо ҳавасмандии соҳибони пасандозҳоро зиёд мегардонад.

Аз шумо, вакилони мӯҳтарам, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни мазкурро дастгирӣ намуда, ба тарафдории он овоз диҳед.

*Лоиҳаи қонун модда бо модда ва боб бо боб муҳокима гардида, яклухт ба овоз монда қабул шуд. Вобаста ба қабули қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - «Дар бораи лоиҳаи Низомномаи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» сухан ба раиси Комиссияи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба назорати Дастур ва ташкили кор Имомов Азизмат Холматович дода мешавад.

**Азизмат ИМОМОВ: - Мӯҳтарам Раис, Раёсат, вакилони гиромиқадр ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Низомномаи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси супориши Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Шукурҷон Зуҳуров аз 26 декабри соли



2011 дар ҷаласаи Шӯрои Маҷлиси намояндагон аз ҷониби Комиссияи назорати Дастур ва ташкили кори Маҷлиси намояндагон ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон дар ҳамоҳангӣ бо кумита ва комиссияҳои Маҷлиси намояндагон, инчунин сармушовирони кумита ва комиссияҳои Маҷлиси намояндагон ва мудирону мутахассисони шӯъбаҳои Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон омода карда шудааст.

Лоиҳаи низомномаи мазкур иборат аз 5 боб (1.Муқаррароти умумӣ, 2.Сохтор ва вазифаҳои Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон, 3.Самтҳои фаъолияти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон, 4. Ҳуқуқу ӯҳдадориҳои кормандони Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон ва 5. Муқаррароти хотимавӣ) мебошад.

Бо мақсади оммафаҳмгардонии меъёрҳои он, қаблан лоиҳа бо иштироки бевоситаи роҳбарияти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон ва мудирони ҳар як шӯъбаҳои он мавриди баррасӣ ва таҳлили ҳамаҷониба қарор дода шуда, ҳар як таклифу дархостҳои онҳо ба эътибор гирифта шуданд.

Лоиҳа бо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2011 таҳти № 1058 барои хулоса ба Комиссияи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба назорати Дастур ва ташкили кор, дигар кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон, инчунин ба шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон барои гузаронидани экспертизаи ҳуқуқӣ супорида шуда буд.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон, инчунин шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон лоиҳаро мавриди омӯзиш ва таҳлили ҳаматарафа қарор дода, ҷиҳати мукаммалгардонӣ ба он таклифу дархостҳои муҳим пешниҳод карданд.

Комиссияи Маҷлиси намояндагон оид ба назорати Дастур ва ташкили кор ба сифати масъули омодасозии лоиҳа 23 феврали соли 2012 лоиҳаи низомномаро бо иштироки роҳбарияти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон ва мудирони ҳамаи шӯъбаҳои он дар ҷаласаи васеъ баррасӣ намуда, тамоми масъалаҳоро вобаста ба низомдорориву самаранокгардонии фаъолияти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон, шӯъбаҳо ва воҳидҳои сохтории он таҳлил намуд ва дар мувофиқа бо иштирокдорони ҷаласа ҷиҳати соддаву оммафаҳмгардонии меъёрҳову муқаррароти он тағйиру иловҳои дахлдор ворид карда шуданд.

28 феврали соли 2012 Комиссияи Маҷлиси намояндагон оид ба назорати Дастур ва ташкили кор бо иштироки намояндагони кумитаҳои Маҷлиси намояндагон, Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон ва шӯъбаи ҳуқуқи он ҷаласаи васеъ гузаронида, аз 90 таклифу дархостҳои ба лоиҳа пешниҳодшуда 58-тоашро пурра ва 16-тоашро қисман қабул карда, 16-тои дигарашро қабул накард.

Ҳамаи пешниҳодҳои қабулгардида ба лоиҳаи низомнома пурра дохил карда шуда, дар асоси пешниҳодҳое, ки қисман қабул гардиданд, меъёрҳои алоҳидаи он саҳеҳ, содда ва оммафаҳм гардонида шуданд.

Аз ҷумла дар асоси пешниҳоди шӯъбаҳои ҳуқуқ ва ташкилии Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон дар параграфи 9 боби 2 се сархати нав илова карда, вазифаҳои шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон пурра карда шуданд.

Инчунин вазифаҳои шӯъбаи тарҷума, таҳрир ва нашр ва дигар шӯъбаҳои Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон мушаххас гардонида, ҷой ва ҳуқуқу вазифаҳои китобхона ва осорхонаи Маҷлиси намояндагон муайян карда шуданд.

Бо назардошти таклифу дархостҳои пешниҳодгардида, вазифаҳои Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон ва ҳуқуқу ӯҳдадориҳои кормандони он низ дақиқ гардонида шуданд.

Ҳамин тавр, лоиҳаи дар таҳрири нав таҳиякардашудаи Низомномаи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон аз Низомномаи Маҷлиси намояндагон, ки бо Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 июни соли 2000 таҳти № 75 қабул гардидааст, куллан фарқ карда,бо моҳияту мазмуни худ вазъи ҳуқуқии Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон, шӯъбаҳо ва дигар сохторҳои воҳидии онро ҳамаҷониба дақиқ мегардонад.

Инчунин лоиҳаи пешниҳодшуда ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мухолиф намебошад.

Аз ин рӯ, аз шумо, вакилони гиромиқадр, эҳтиромона хоҳиш мекунем, ки барои тасдиқи Низомномаи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон овоз диҳед.

*Доир ба тасдиқи низомномаи мазкур Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид.*

**РАИС:** - Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012» сухан ба вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Наҷмуддинов Сафаралӣ Маҳсуддинович дода мешавад.



**Сафаралӣ НАҶМУДДИНОВ: -Мӯҳтарам Раис, Раёсат ва вакилони Маҷлиси намояндагон!**

Аз фурсати муносиб истифода бурда, меҳоҳам саравввал бонувони мӯҳтарам – вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба муносибати таҷлили ҷашни Рӯзи модар табрику муборакбод гӯям ва бароямон хотири шод, осмони софу хонадони обод ва дар фаъолияти пурсамарашон баҳри шукуфоии кишварамон муваффақиятҳо орзу намоям.

Мӯҳтарам вакилони Маҷлиси намояндагон! Ба муҳокимаи шумо лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012» пешниҳод гардидааст.

Зарурати пешниҳоди лоиҳаи Қонуни мазкур бо мақсади дар Муассисаи давлатии «Наврӯзгоҳи пойтахт» ташкил намудани шароити хуби фароғату истироҳат барои шаҳрвандону меҳмонон, харидорӣ намудани таҷҳизоту конструксияҳо барои Наврӯзгоҳ, инчунин дар сатҳи баланди ҷавобгӯ ба талаботи замон таҷлил намудани Ҷашни байналмилалии Наврӯз ба миён омадааст.

Аз ин лиҳоз, бо мақсади аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод намудани воридоти нишастгоҳҳо аз конструксияҳои оҳанини зудҷамъшаванда ва дигар таҷҳизотҳо барои Муассисаи давлатии «Наврӯзгоҳи пойтахт» лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012» таҳия карда шудааст.

Маблағи умумии воридоти таҷҳизотҳо 4,3 млн. сомониро ташкил дода, ҳангоми қабули лоиҳаи қонуни мазкур маблағи озодшавандаи пардохтҳои гумрукӣ 859,6 ҳазор сомонӣ, аз ҷумла андоз аз арзиши иловашуда 817,9 ҳазор сомонӣ ва боҷи гумрукӣ маблағи 47,7 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

Аз ин лиҳоз, бо дарназардошти дастгирии молиявӣ ва дар сатҳи баланди ташкилӣ гузаронидани Ҷашни байналмилалии Наврӯз дар шаҳри Душанбе эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни пешниҳодшударо ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Вобаста ба ин масъала сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Ҷабборов Домуллоҷон Ҳоҷиевич дода мешавад.

**Домуллоҷон ҶАББОРОВ: - Мӯҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудааст.

Дар лоиҳа пешниҳод гардида-



аст, ки ба моддаи 18 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012» қисми шашум бо мазмуни зайл илова карда шавад: «Воридоти нишастгоҳҳои зудҷамъшаванда аз конструксияҳои оҳанин ва дарахту буттаҳо, ки барои таҷлили Иди байналмилалии Наврӯз дар соли 2012 ба Муассисаи давлатии «Наврӯзгоҳи пойтахт» аз ҳисоби буҷети шаҳри Душанбе харидорӣ шуда, номгӯй ва миқдори онҳоро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мекунад, аз андоз аз аризиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод карда мешавад.».

Лоиҳаи қонуни мазкур аз ҷониби кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷонибдорӣ карда шуд.

Аз шумо, вакилони арҷманд, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намуда, барои қабули он овоз диҳед.

*Лоиҳаи қонун ба овоз монда, қонун қабул шуд. Вобаста ба қабули қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гашт.*

Ҷаласаро Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров ҷамъбаст намуд.

***Ҷумъахон НАБОТОВ,***
***Аъзам МӮСОЕВ,***
***«Садои мардум».***
***Суратгир Аҳлиддин ИСОЕВ***

# Шабҳои бехобии роҳсозон дар ағбаҳои барфпӯш

*Зимистони имсола тӯлонӣ ва сербарф буд ва табиист, ки дар чунин шароит дар кору зиндагии ҳаррӯза мушкилот низ пеш омад. Албатта, дар чунин ҳолатҳо на ҳама кор бо майлу хоҳиши инсон анҷом меёбад, зеро одамизод танҳо аз ӯҳдаи он кор мебарояд, ки ба он қудрат дорад. Дар аёми сардиҳо, боришоти зиёди барфу борон кори роҳсозону нигоҳдорандагони роҳ хеле мушкил мешавад. Дар ин робита фишурдаи сӯҳбати хабарнигорамон бо директори техникии Ширкати саҳомии IRS, номзади илмҳои иқтисодӣ Абдумаҷид Шарифов.*

**- Инак, рӯзҳои сарди зимистон метавон гуфт поён ёфт ва шукр, ки ба баҳори нав расидем. Ба фикрам, ин зимистон барои шумо низ имтиҳони ҷиддӣ буд.**



-Бале, ин зимистон, ки серборишу тӯлонӣ буд, махсусан барои мо – роҳсозон ва нигоҳдорандагони роҳ хеле душворӣ пеш овард ва тавре шумо зикр кардед, имтиҳони ҷиддӣ буд. Аммо бо хушҳолӣ метавон гуфт, ки аз ин имтиҳон бо сарбаландӣ гузаштем. Ин суханони хушку холӣ нест. Барои муқоиса ёдовар мешавам, ки соли 2006 низ чунин зимистони сербориш омада буд ва кормандону мутахассисони идораю муассисаҳои таъмиру нигоҳдории роҳҳои автомобилӣ бо ғайрати дучанд кор карда, минтақаҳои душворгузари шоҳроҳи Душанбе-Хуҷандро дар давоми 27 рӯз тоза ва монеаҳоро бартараф карданд. Он вақт Ширкати саҳомии IRS арзи ҳастӣ накарда буд. Имсол, ки боришоти барф зиёдтар ва хавфи тарма мунтазам роҳҳои баланкӯҳро таҳдид мекард, кормандони Ширкати саҳомии IRS шабонарӯз кор карда, ҳаракати нақлиётро дар муддати панҷ рӯз барқарор карданд. Албатта, душворӣ хеле зиёд буд. Дар баъзе минтақаҳои ағбаҳои Анзоб ва Шаҳристон баландии барф то ба 2,5-3 метр расид. Ба болои ин хавфи тармафарой мунтазам таҳдид мекард. Роҳбарону мутахассисон ва кормандони ширкат чанд шаби бехобиро дар ағбаҳои пурбарфу ҳавои сард гузарониданд.

**-Хоҳишмандам дар ин бора каме батафсилтар маълумот диҳед.**

-Тавре маълум аст, бориши барф аз 30 октябри соли 2011 шурӯъ гардид ва то даҳаи охири моҳи феврали соли ҷорӣ боришот ҳамарӯза идома меёфт. Илова ба баландии барф, ки дар боло зикр кардем, дар ағбаи Анзоб зиёда аз 100 тармаҳои хурду калон фаромаданд, ки баландиашон аз 18 то 20 метр, дарозиии тармаҳо аз 20 то ба 250-300 метр мерасиданд. Дар давоми чор моҳ қариб ҳаррӯз хавфу мушкилот пеш омад. Чунончӣ, 19 феврали соли ҷорӣ дар километри 43-ум то километри 73-уми ағбаи Анзоб, дар натиҷаи тармафарой 50-60 мошини сабукраву боркаши гуногунтамға дар ҳалқаи барфу тарма монданд, ки дар миёни онҳо техникаю механизмҳои ширкат низ буданд. Мо қувваи асосии кормандон ва техникаи хешро ба ин минтақа сафарбар карда, рӯзи 23 феврал, соати $9^{30}$ ҳаракати нақлиётро барқарор кардем. Фаъолияти шабонарӯзӣ дар 30 километр роҳҳои барфпӯш идома ёфт. Дар рафти ин амалиёт 23 мошину механизмҳои ширкат ва 4 адад техникаи Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста кор карданд.

**-Ҳоло вазъият чӣ гуна аст, оё хавфу хатарҳо пурра бартараф шуданд?**

-Аслан дар роҳҳои баландкӯҳ ҳамеша хавфу хатар вуҷуд дорад. Агарчӣ боришоти барф нисбатан камтар ба мушоҳида мерасад, аммо боридани боронҳои баҳорӣ аз эҳтимол дур нест. Боронҳои бошиддат ва офтоби гарм низ боиси кандашавии тармаҳо шуда, барои ҳаракати нақлиёт хатар эҷод мегардад.

**-Ширкати шумо оё имкони пурраи пешгирии ҳодисаҳои нохуш ва дар ҳолати хуб нигоҳ доштани роҳҳоро дорад?**

-Бале, чунин имконият мавҷуд аст. Имрӯз дар ширкати мо зиёда аз 500 нафар кор мекунад ва мо 90 адад техникаю механизми гуногун дорем. Ба истиснои нақби Истиқлол ва роҳи баранда ба Шаҳристон, дар 344 километр роҳи Душанбе-Чанок хизмат мерасонем. Айни ҳол дар минтақаҳои нисбатан хавфнок, ки хатари тармафарой мавҷуд аст, навбатдориҳои шабонарӯзӣ ташкил кардем ва дар он ҷойҳо 7-8 техникаи гуногун сафарбар шудааст. Саъю кӯшиш менамоем, ки вазифаҳои хешро бомасъулият ва софдилона ба ҷо орем. Аммо як чизро нагуфта наметавонам. Дар ин бора зимни як мусоҳибаи дигаре бо шумо гуфта будам. Яъне, зимни таҷдиду азнавсозии шоҳроҳи Душанбе-Чанок пудратчии лоиҳа –Ширкати хитоийи «Чайно Роуд» ҳангоми банақшагирӣ ва фаъолият дар таҷдиди роҳи мазкур шароитҳои иқлимӣ ва хусусиятҳои хоси минтақаро бояд ба назар мегирифт. Аммо, мутаассифона, ин кор анҷом дода нашуд ва имрӯз натиҷаҳои нохуши онро мо мебинем. Дар шароити кӯҳистон дар аксар минтақаҳое, ки лағшиши кӯҳпора, резиши сангу хок ба амал меояд, барои пешгирии ҳодисаҳои нохуш сохтмони монеаҳои бетонӣ ё мустаҳкам намудани канораҳо бо усулҳои муҳандисӣ зарур аст. Ин корҳо аз ҷониби пудратчии зикршуда пурра ба анҷом нарасид. Аз ҷумла дар километрҳои аз 18 то 25, 27 то 37, 38 то 40, 43 то 57, 65 то 72, 78 то 160, ки резиши шабонарӯзии сангу сангрезаҳо ҳангоми боришот ба назар мерасад ва барои ҳаракати нақлиёт хавф эҷод менамояд, анҷом додани ин корҳо зарур буд. Аз ин сабаб дар минтақаҳои мазкур ҳамеша хавфи тармафарой мавҷуд аст. Ширкати мо маҷбур аст бо сарфи маблағи зиёд камбудиҳои зикршударо ислоҳ намояд, то ҳаракати бехавфи техника дар ин шоҳроҳи пураҳамият таъмин шавад.

***Б. КАРИМЗОДА, «Садои мардум»***

## Барҳам мехӯрад

Шаҳрванд Орипов Одилҷон Зиядуллоевич, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0142442 бо РЯМ 070039705 мебошад ва онроНозироти андози шаҳри Турсунзода 8 ноябри соли 2010 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

***

Шаҳрванд Қосимов Ҷонибек Гурезович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0210214 бо РЯМ 0930057801 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 28 декабри соли 2011 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

***

Шаҳрванд Каримов Орзу Сафарович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии № 0161371 бо РЯМ 0430074920 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Сино 18 феврали соли 2011 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.




## Тасҳеҳ

Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон хабар медиҳад, ки дар Даъватномаи (ДИО) №557-2-206 аз 24 феврали соли 2012, ки санаи 28 феврали соли 2012, дар рӯзномаи «Садои мардум» №24 (2851) нашр гардида буд, рӯзи баргузории озмун соати $9^{00}$ санаи 9 марти соли 2012 хонда шавад.

## Эътибор надорад

Шаҳодатномаи №035825-и гумшуда, ки онро ҶДММ «Автокемп» 4 майи соли 2006 ба Тураева Меҳрубон Худойдодовна додааст, эътибор надорад.

***

Шиносномаи А №6563334-и гумшуда, ки онро ШКД-и шаҳри Конибодом 15 ноябри соли 2011 ба Захидов Акмал Тухтабоевич додааст, эътибор надорад.

***

Номаи камоли силсилаи БП, №150689-и гумшуда, ки онро МТМУ №17, ба номи Ленини шаҳри Турсунзода соли 1969 ба Назиров Яхя Низамович додааст, эътибор надорад.

***

Дафтари ҳавлидории гумшуда, ки онро Шӯъбаи корҳои дохилии ноҳияи Октябр (ҳоло И.Сомонӣ) бо суроғаи кӯчаи Деҳи Боло, ҳавлии №119-и ноҳияи И.Сомонии ш.Душанбе соли 1967 ба Ҳафизов Шермуҳамад Дусмамадович додааст, эътибор надорад.

***

Шаҳодатномаи №0124105-и гумшуда дорои РЯМ 0430056963, ки онро Нозироти андози ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 18 августи соли 2010 ба соҳибкори инфиродӣ Ҷӯраев Абдурасул Абдухолиқович додааст, эътибор надорад.

***

Дафтарчаи имтиҳонии №Г07234-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шотемур соли 2007 ба Мирзоев Ҷонибек Бекмуродович додааст, эътибор надорад.

***

Шаҳодатномаи ронандагии № 054562-и гумшуда, ки онро Омӯзишгоҳи касбӣ-техникии № 17-и ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонии вилояти Хатлон соли 1984 ба Боронов Ҷумъахон Тошмуродович додааст, эътибор надорад.

** *

Дафтарчаи имтиҳонии №81/11-и гумшуда, ки онроДонишкадаи иқтисодии Тоҷикистон соли 2011 ба Шамсидинов Соҳибҷон додааст, эътибор надорад.

***

Билети донишҷӯйии №435/08-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи технологии Тоҷикистон соли 2008 ба Сафаров Фаридун додааст, эътибор надорад.

***

Шартномаи силсилаи ХТ, №0068559-и гумшуда дар хусуси ҳадяи хонаи истиқоматӣ, ки 6 марти соли 2007 дар Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ ба расмият даровarda шуда, тибқи он шаҳрванд Ҳабибов Қосим Давлатович хонаи истиқоматиаш воқеъ дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ, кӯчаи Мӯсо Ҷалил №16-ро ба бародараш Ҳабибов Тӯйчӣ Давлатович ҳадя кардааст, эътибор надорад.

***

Дафтарчаи имтиҳонии №06-1379/09-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ соли 2009 ба Кароматуллои Баҳриддин додааст, эътибор надорад.

---

Кормандони дастгоҳи марказии Вазорати мелиоратсия ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазири мелиоратсия ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳмат Бобокалонов бинобар вафоти

**МОДАРАШ**

ҳамдардии самимӣ изҳор медоранд.

Кормандони КФСИ-14-и «Тоҷикселмуҳофизат»-и шаҳри Панҷакент ба вазири мелиоратсия ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳмат Бобокалонов нисбати марги нобаҳангоми

**МОДАРАШ**

изҳори ҳамдардӣ намуда, ба наздикону пайвандонаш аз даргоҳи Худованд сабри ҷамил хоҳонанд.

Кормандони КДТС «Китоб» ба роҳбари матбааи шаҳри Хуҷанд Шукрулло Султонов нисбати даргузашти

**МОДАРАШ**

изҳори ҳамдардӣ намуда, ба ӯ ва пайвандонаш сабри ҷамил хоҳонанд.

Конституция-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун
Садои МАРДУМ

САРМУҲАРРИР
Ҷумъахон НАБОТОВ

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ.
Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод», хиёбони Саъдии Шерозӣ 16, чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
Неъматулло Солеҳов, Абдулмаҷид Муродов, Аъзам Мӯсоев, Тилло Неккадамов, Далер Мерганов, Бурҳониддин Каримов

Дар «Садои мардум» ба хотири чанданде шагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

НИШОНИИ МО: ш.Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. ТЕЛЕФОНҲО: қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир -238-56-03, факс- 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус- 238-53-56; муовин - 238-54-52 ; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шӯъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-58-95; муҳаррири шӯъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-52-97; шӯъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шӯъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосиб - 238-53-49; шӯъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар Хуҷанд - 91-700-48-02, ВМКБ - 93-592-70-46, Қӯрғонтеппа - 91-931-11-61, Кӯлоб - 95-166-90-72, Истаравшан 2-61-08. ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО: sadoimardum@yandex.ru

Рӯзномаи «Садои мардум» 29 октябри соли 2010 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 0005/рз

Ба чопаш 7 марти соли 2012, соати 17.40 иҷозат дода шуд. Адади нашр 26782 нусха

Навбатдори шумора
Б. Каримов

Тарроҳони компютерӣ
И. Самохин ва Н. Исмоилова